**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович таҳти унвони «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

Пас аз ба даст овардани истиқлоли миллӣ дар забоншиносии тоҷик корҳои мондагоре ба анҷом расонида шуд, ки чунин тадқиқот ба масоили гуногуни овошиносӣ, вожашиносӣ, сарфу наҳв ва ғ. рабт дорад. Бо вуҷуди ин комёбиҳо, баъзе муаммоҳое ба назар мерасанд, ки ниёз ба пажуҳиши ҷиддианд. Маҳз диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович барои кушодани яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии тоҷик – таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир пайванд гирифта, ҷиҳати ошкор кардани таърих у таҳаввул ва вазифаи чунин захираҳои сарфию наҳвии забон мусоидат кардааст.

Диссертант дар **муқаддимаи диссертатсия** аз хусуси то ҳол ба доираи таҳлил накашидани мавзуи интихобкардааш ёдовар шуда, тадқиқотҳои ба мавзуъ алоқамандро шарҳу тавзеҳ додааст. Ҳамчунин дар ин бахши рисола оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, тавсифи умумии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ ва ғ. маълумот дода шудааст.

Унвони **боби якуми рисолаи** мавриди тақриз **«Аз таърихи тадқиқи ҳиссаҳои ёвари нутқ»** буда, диссертант бар он кӯшидааст, то пажуҳишҳои ба масъалаи пешояндҳо, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳоро, ки забоншиносон дар монографияву мақолоти ҷудогонаи худ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, мавриди тадқиқ қарор диҳад.

Номи **боби дуюми диссертатсия** мухтасс ба **«Таҳаввули вазифаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар даврони бостон ва миёна»** буда, Курғанов Зохид Дехканович кӯшиш кардааст, ки оид ба таҳаввулу тағайюри ҳиссаҳои ёвари нутқ (дар мисоли пешояндҳову пайвандакҳо) маълумоти муфассали илмиро пешкаш намояд. Ҷустуҷӯ ва хулосаҳои баровардаи диссертант басо ҷолиб буда, арзиши баланди илмиро соҳиб мебошанд.

Дар **боби сеюми диссертатсия**, ки **«Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пешояндҳову пасояндҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир»** мебошад, диссертант оид ба пешояндҳои аслии содаи «аз / зи», «ба / бад», «аз / зи», «бар / абар», «бо / або», «андар / дар», ки ба вазифаи якдигар дар заминаи осори манзуму мансури осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир мавриди корбасти суханварон қарор гирифтаанд, таваҷҷуҳ

кардааст. Ҳамчунин дар ин боб доир ба корбурди пешояндҳо ба вазифаи пайвандакҳои пайвасткунандаву тобеъкунанда ва бандаки изофӣ, вижагиҳои пешояндҳои номии изофӣ ва таркибии номии изофӣ, ба ивази бандаки изофӣ истифода шудани пасоянди «-ро» маълумоти арзишманд дода шудааст.

Муаллиф дар **боби чоруми диссертатсия - «Усулҳои истифодаи ғайримаъмули пайвандакҳо дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» -** оид ба пайвандакҳои пайвасткунандаи «ва», «-у» («-ю», «-ву»), «чи», «ё», «аммо» ва тобеъкунандаи «ки», «агар», «чун / чу», «то», ки ба вазифаҳои ғайримаъмулии худ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир дар гардиш қарор доштанд, ахбори илмии қолиби таваҷҷуҳеро арза доштааст. Ҳамчунин пайвандакҳо, ки дар даврони мавриди назар ба вазифаи ҳиссачаҳо омадаанд, низ аз назари диссертант дур намондаанд.

Курғанов З.Д. дар **боби панҷуми диссертатсияаш - «Мавридҳои хоссаи истифодаи ҳиссаҳои ёвари нутқ дар осори садаҳои X-XIII ва даврони муосир» -** маълумотеро доир ба ҳазфи унсурҳои ёвари сервазифа (ба мисли «бар», «ба», «дар») матраҳ карда, ҳамзамон таваҷҷуҳи худро ба ҳиссаҳои ёваре равон сохтааст, ки бунёди онҳоро калимаҳои соматикӣ ташкил кардаанд. Дар боби мавриди назар муаммои қолабҳои пешояндиву пасояндии забон ва робитаи унсурҳои ёвари нутқ бо гӯйишҳои забони тоҷикӣ низ ҳаллу фасл шудааст.

Диссертант бардоштҳояшро дар қисмати хулосаи диссертатсия ба таври муфассал баён кардааст, ки қобили қабул аст.

Мушоҳидаи диссертатсия, ки фарогири мухассаноти зиёд аст, баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ дорад:

1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ (с.16, 29) мушоҳида шуд.
2. Муттаҳид кардани банди 7 ва 8-уми хулосаи диссертатсия аз манфиат холӣ нест.

Норасоиҳои мазкур ҳаргиз қимати рисоларо кам намекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи илмии Курғанов Зохид Дехканович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (17 адад) ва маҷмуаҳои дигари илмӣ ба нашр расонидаи Курғанов З.Д. мазмуни кори имлияшро пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи илмии Курғанов З.Д. бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 –

Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) муқаррар шудаанд, пурра мувофиқат мекунад.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович **«Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир»** ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии **доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)** мебошад.

**Муқарризон**:
доктори илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои
шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии
Самарқанд ба номи Шароф Рашидов С.Х. Хӯҷақулов

доктори илмҳои филологӣ оид ба фалсафа (PhD),
дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои
шарқи хориҷии Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба номи Шароф Рашидов Г.М. Адашуллоева

«Имзои Хӯҷақулов Сироҷиддин Холмаҳматович
ва Адашуллоева Гулноза Муҳайбиновнаро тасдиқ мекунам».

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба номи Шароф Рашидов И.Бӯриев

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 140332, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
ноҳияи Самарқанд, Янги ҳаёт-2, хонадони 99.
Почтаи электронӣ: sirojiddinxodjaqulov1976@gmail.com
gulnozaadasulloeva@gmail.com
Тел.: (+998) 91-536-74-88; (+998) 97-922-14-07
«10» апрели соли 2024.